# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи доктории Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷума)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ.**

Омӯзишу таҳқиқи таҳвили луғавию дастурии воситаҳои тасвири бадеӣ дар раванди тарҷума яке аз падидаҳое мебошад, ки дар худ хусусиятҳои забонӣ, адабӣ ва фарҳанги мардуми соҳибзабонро таҷассум намуда, асоси истифода ва марҳилаҳои гузариши калимаҳо аз як шакл ба шакли дигарро дар матни тарҷумавӣ ифода менамояд. Мафҳумҳо муштарак буда метавонанд, вале шаклу тарзи ифодаи онҳо дар забонҳои мухталиф фарққунанда аст.

Имрӯзҳо омӯзиши забонҳои хориҷӣ бо роҳу усулҳои гуногун яке аз масъалаҳои муҳим дар илми забоншиносӣ ба шумор меравад, ки дар ин ҷода корҳои назаррас анҷом дода шудааст. Яке аз ҳамин гуна самтҳои афзалиятноки илми забоншиносӣ ва тарҷумашиносиро тарҷумаи воситаҳои тасвири бадеӣ ташкил медиҳад.

Мавриди зикр аст, ки масъалаи омӯзиш ва таҳқиқи хусусиятҳои хоси воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума аз ҷиҳати муқоиса дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ то кунун мавриди омӯзиши ҷиддии муҳаққиқони тоҷик қарор нагирифтааст ва мавзуи диссертатсияи Соҳибназарова Ҳ.Т. низ қадамҳои устувор дар ин самт мебошад.

Дар автореферати диссертатсия хусусиятҳои хоси воситаҳои тасвири бадеӣ таҳлилу баррасӣ шудаанд, ки муҳаққиқ тавонистааст, бо мисолҳои мушаххас онҳоро нишон диҳад.

Диссертатсия, чунонки муҳтавои автореферат нишон медиҳад, аз муқаддима 5 боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Дар муқаддимаи автореферати диссертатсия оид ба мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, асосҳои назарӣ, сарчашмаҳо ва навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти

назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия маълумот дода шудааст.

Як нуктаро қайд кардан бамаврид аст, ки дар автореферат воситаҳои тасвири бадеии матни асл муназзам таҳлил шудаанд ва аз ин бармеояд, ки муҳаққиқ роҳҳои интиқоли воситаҳои тасвири бадеиро ба хубӣ муайян кардааст.

Натиҷагирӣ ва пешниҳоди диссертант ҷолиби диққат буда, бештари онҳо ҷиҳати беҳтар гардидани тарҷумаи мукаммал барои муқоисаи забонҳои зикргардида мусоидат мекунанд, ки арзиши илмии пажуҳишро баланд мебардорад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаро** муаллифи диссертатсия ба шакли зерин оварда, барои тарҷумаи мукаммал шароит фароҳам овардааст: Мушкилоти истифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни тарҷумавӣ ба номукамалии он далолат менамояд, сабаби асосии онро диссертант дар гуногунрангии сохтор ва маъно мебинад. Тавассути мисолҳои мушаххаси матнҳои бадеии тарҷумашуда хусусиятҳои луғавӣ ва грамматикии онҳо муайян карда шудаанд. Таҳлили муқоисавии навъҳои асосии воситаҳои тасвири бадеӣ аз нигоҳи сохтор, маъно ва услуб муайян карда шуданд, ки дар натиҷа хусусиятҳои умумӣ ва фарққунандаи байни онҳо собит карда шудаанд.

Дар фишурдаи мавриди тақриз дар баробари комёбиҳои фаровон баъзе нуктаҳои баҳсталаб мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, ки ба назар гирифтани он боиси болоравии ҳусни кор хоҳад гардид.

1. Хуб мешуд дар баъзе бахшҳои диссертатсия пас аз андешаҳои пайдарпайи муҳаққиқон тақвияти андешаи худи муаллифи диссертатсия истифода мегардид;
2. Дар фишурдаи диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ (саҳ. 4, 5, 13, 15, 23) ба назар расид, ки ислоҳи онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд.

Камбудиҳо дар автореферат дарҷгардида арзиши илмии онро коста намегардонанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷума)» дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расидааст. Вай ба талаботи бандҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи забони муосири руси
факултети филологияи рус, рӯзноманигорӣ
ва медиотехнологияи Донишгоҳи
славянии Россия ва Тоҷикистон Султанова Рафоҳат Мирзоевна

**Суроға:** 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Саъдии Шерозӣ, 27, хуҷраи 137.
Тел.: (+992) 937-60-70-58
E-mail: rafoat10@mail.ru

Имзои Р.М. Султоноваро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кардҳои Донишгоҳи славянии
Россия ва Тоҷикистон Раҳимов А.А.

**Суроғаи муассиса:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кучаи Мирзо Турсунзода, 30.
Тел: (+992) 2-13-550
E-mail: p.rectora@mail.ru

02.05.2025